# Амалҳои Расулон 2



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




ФИЛИППИЁН 3:4-6






ТАКРОРИ ШАРИАТ 19:15


ИСТЕФАНУС АЗ НАВИШТА МАВЪИЗА МЕКАРД.
БАЪЗЕҲО БО ДИҚҚАТ ГӮШ МЕКАРДАНД, АММО БИСЁРИИ САРВАРОН БАДХАШМОНА ДАНДОНҲОЯШОНРО БА ҲАМ МЕСОИДАНД.
ИСТЕФАНУС ДАР БОРАИ ИБРОҲИМРО ДАЪВАТ НАМУДАНИ ХУДО, ВАЪДАИ Ӯ ОИД БА ИСҲОҚ, ВА ОН ЧИ Ӯ ДАР МИСР БА ВОСИТАИ ЮСУФ БА АМАЛ ОВАРД, СУХАН МЕРОНД.
СИПАС Ӯ ДАР БОРАИ РАҲОИИ ХАЛҚИ ХУДО БА ВОСИТАИ МУСО ГАП ЗАД...
«ХУДО БА МУСО ГУФТ: "СИТАМЕРО, КИ ҚАВМИ МАН ДАР МИСР МЕКАШАНД, ДИДААМ... ВА БАРОИ ХАЛОС КАРДАНИ ОНҲО ФУРОМАДААМ"».
«МУСО ДАР МИСР АЛОМАТҲО ВА МУЪҶИЗАҲО БА АМАЛ ОВАРД, БАҲРИ СУРХРО АЗ ҲАМ ҶУДО КАРД ВА ХАЛҚИ ХУДОРО ЧИЛ СОЛ ДАР БИЁБОН РОҲНАМОЙ КАРД».
ОЁ Ӯ ГУМОН МЕКУНАД, КИ МО НАВИШТАРО НАМЕДОНЕМ?!
ҲАМИН МУСО БА ПИСАРОНИ ИСРОИЛ ГУФТ: «ХУДО ПАЙҒАМБАРЕРО МОНАНДИ МАН АЗ МИЁНИ ШУМО, АЗ БАРОДАРОНИ ШУМО БА МИЁН МЕОВАРАД».






АМАЛҲО 7:38-51







АМАЛҲО 7:51-53


ДАР ХУСУСИ ОН КИ МАН ИЗДИҲОМРО ДАР КӮЧА ДИДАМ ВА БОРИ АВВАЛ БА ИСТЕФАНУС ВА ШОУЛ ДИҚҚАТ ДОДАМ...
ИНАК, ОСМОНРО КУШОДА ВА ПИСАРИ ОДАМРО БА ДАСТИ РОСТИ ХУДО ИСТОДА МЕБИНАМ.
МАН ОН ЧИРО, КИ ИСТЕФАНУС МЕДИД, НАДИДАМ.
ОН ВАҚТ СУХАНОНИ Ӯ НАТИҶАИ ЗАХМҲО ВА ТАХАЙЮЛОТ МЕТОФТАНД.
АММО ҲОЗИР МАН БОВАР МЕКУНАМ, КИ Ӯ МАҲЗ ҲАМОН ЧИРО, КИ ТАСВИР НАМУД, ДИДА БУД!
САНГҲО ЧУН ЖОЛА БАР САРУ РӮИ Ӯ МЕРЕХТАНД, ВА Ӯ НИДО КАРД:
ХУДОВАНД ИСО, РӮҲИ МАРО ҚАБУЛ КУН!
ХУДОЁ, ИН ГУНОҲРО БА ҲИСОБИ ОНҲО ДОХИЛ НАКУН.
ДЕРТАР МАН ФАҲМИДАМ, КИ УСТОДИ ИСТЕФАНУС, ИСО, ҲАНГОМЕ КИ БАР САЛИБ МЕМУРД, ҲАМИН ГУНА СУХАНОНРО ГУФТА БУД.



ЛУҚО 23:46


ҶАСАДИ ИСТЕФАНУСРО ДАР ДАСТ ДОШТА, МАН ФИКР МЕКАРДАМ, КИ ОЁ ХУДО ДУОИ Ӯ ИҶОБАТ ШУД ВА ОЁ АКНУН ХУДОВАНД РӮҲИ ӮРО ҚАБУЛ НАМУД...
КАЛИМАИ ЮНОНИИ ИСТЕФАНУС МАЪНОИ «ТОҶ»-РО ДОРАД.
Ӯ ТОҶИ АВВАЛИН РИЁЗАТКАШРО БАРОИ ИСО БАР САР ДОШТА МЕТАВОНИСТ.
ПАС АЗ ЧАНДЕ МИҚДОРИ ЗИЁДИ РИЁЗАТКАШОН АЗ ПАЙИ Ӯ МЕРАВАНД.
СУХАНОНИ МАРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД: ПАС АЗ ДАҲ СОЛ ҲЕҶ КАС НОМИ ИСОРО БА ЁД НАМЕОВАРАД...
Ё НОМИ ИСТЕФАНУСРО!
АММО БА ҲАР ҲОЛ, МОРО БОЗ КОРҲОИ ЗИЁДЕ ДАР ПЕШ МЕБОШАНД...
КУШТОРИ ИСТЕФАНУС ИБТИДОИ ТАЪҚИБОТИ БУЗУРГ БАР ЗИДДИ ҶАМОАТ ДАР УРШАЛИМ БУД.
АММО ШОУЛ ПАЙРАВОНИ МАСЕҲРО АЗОБ МЕДОД ВА ХОНА БА ХОНА ГАШТА, МАРДОНУ ЗАНОНРО КАШОЛА КАРДА МЕБУРДУ БА ЗИНДОН МЕАНДОХТ.


«БО ВУҶУДИ МАРГИ ДАҲШАТОВАРИ ИСТЕФАНУС, ҶАМОАТ АФЗУН МЕШУД».
«ПАРОКАНДАШУДАГОН БА ҲАР ҶОЕ КИ МЕРАФТАНД, ХАБАРРО ДАР БОРАИ МАСЕҲ ПАҲН МЕКАРДАНД».
«РАСУЛ ФИЛИППУС БА СОМАРА ОМАД, ВА ОДАМОН БАШОРАТИ ӮРО ПАЗИРУФТАНД».
«РӮҲҲОИ НОПОК АЗ БИСЁР ДЕВЗАДАГОН НАЪРА ЗАДА БЕРУН МЕШУДАНД, ВА ЛАНГОНУ ШАЛОНИ БИСЁРЕ ШИФО МЕЁФТАНД».
«ДАР ОН ШАҲР АЗ ШУНИДАНИ ИНҶИЛ ШОДИИ БУЗУРГЕ БУД».
«БИСЁР КАСОН ТАЪМИД ГИРИФТАНД. ҲАТТО ШИМЪУН НОМ ҶОДУГАР, КИ ПЕШТАР БО МУЪҶИЗАҲО ХАЛҚРО БА ҲАЙРАТ МЕОВАРД, ТАЪМИД ГИРИФТ».
«РАСУЛОНЕ КИ ДАР УРШАЛИМ БУДАНД, ЧУН ШУНИДАНД, КИ АҲЛИ СОМАРА КАЛОМИ ХУДОРО ҚАБУЛ КАРДААНД, ПЕТРУС УС ВА ЮҲАННОРО ФИРИСТОДАНД, ТО БА ФИЛУППУС ҲАМРОҲ ШАВАНД».



АМАЛҲО 8:4-14


ЭЙ ПАДАР, БИГУЗОР ОНҲО РӮҲУЛҚУДСРО ҚАБУЛ КУНАНД, ЧУНОН КИ МО ҚАБУЛ КАРДАЕМ.
МАН НИЗ МЕХОҲАМ ЧУНИН ҚУДРАТ ДОШТА БОШАМ – ТО ҲАР КАСЕ КИ МАН БА Ӯ ДАСТ МЕГУЗОРАМ, ҲАМЧУНИН РӮҲУЛҚУДСРО ҚАБУЛ КУНАД.
БИГУЗОР ПУЛАТ БО ТУ НЕСТ ШАВАД!
ТУРО ДАР ИН ХИЗМАТ НАСИБЕ НЕСТ, ЗЕРО ДИЛАТ ДАР ҲУЗУРИ ХУДО РОСТ НЕСТ.
АЗ ИН БАДИИ ХУД **ТАВБА КУН** ВА БА ХУДО ДУО ГӮЙ: ШОЯД, ИН ҚАСДИ ДИЛАТ БАХШИДА ШАВАД.
БАРОИ МАН БА ХУДОВАНД ДУО ГӮЕД, ТО ЧИЗЕ АЗ ОН ЧИ ГУФТЕД, БА МАН РӮЙ НАДИҲАД.


БАРХЕЗ ВА БА ТАРАФИ ҶАНУБ, БА РОҲЕ КИ АЗ УРШАЛИМ СӮИ ҒАЗЗА МЕРАВАД, ВА РОҲИ БИЁБОН АСТ, РАВОНА ШАВ.
«РАФТА, БА ОН АРОБА НАЗДИК ШАВ».
Ӯ СИТАМ КАШИД, ВАЛЕ ГАРДАН ФУРОВАРД, ВА ДАҲОНИ ХУДРО ВОЗ НАКАРД. ЧУН ГӮСФАНДЕ ӮРО БА КУШТАН БУРДАНД, ВА ЧУН БАРРАЕ КИ НАЗДИ ПАШМТАРОШ БЕЗАБОН АСТ, Ӯ ДАҲОНИ ХУДРО ВОЗ НАКАРД.
Ӯ АЗ БАНД ВА АЗ ДАВАРӢ ГИРИФТА ШУД...
ОЁ ОН ЧИ МЕХОНӢ, МЕФАҲМӢ?




АМАЛҲО 8:31-40


ТАЪҚИБОТИ ШОУЛ ПАЙРАВОНИ МАСЕҲРО МАҶБУР НАМУДАНД, КИ АЗ УРШАЛИМ ГУРЕЗАНД...
Black Sea
Asia Minor
Mediterranean Sea
Africa
Egypt
Red Sea
Tarsus
Antioch
Damascus
Jerusalem
Alexandria
Cyprus
Carthage
ИН БА ОНҲО ИМКОН ДОД, КИ ХУШХАБАРРО БА ТАМОМИ ГӮШАВУ КАНОРҲОИ ҶАҲОНИ ДАР ОН ВАҚТ МАЪЛУМ РАСОНАНД– ВА БО ҲАМИН ФАРМУДАИ МАСЕҲРО ИҶРО КУНАНД.


ШУМО ДАР УРШАЛИМ ВА ДАР ТАМОМИ ЯҲУДИЯ ВА СОМАРА ВА ТО КАНОРИ ҶАҲОН ШОҲИДОНИ МАН МЕШАВЕД.


...МО БИСЁР ПАЙРАВОНИ ИСОРО АЗ УРШАЛИМ РОНДЕМ.
АММО БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВАНД, ОНҲО БИДЪАТИ ХУДРО ДАР ОН ҶО ПАҲН МЕКУНАНД.
ТУ БОЯД ОНҲОРО БА ХОМӮШӢ МАҶБУР КУНӢ.
БА МАН БАРОИ КУНИШТҲОИ ДИМИШҚ НОМАҲО ДИҲЕД, ТО КИ РАФТА ИН КОРРО ИҶРО КАРДА ТАВОНАМ.
АГАР ДАР ОН ҶО ОНҲОРО БОЗДОШТА ТАВОНАМ, ШОЯД ҲАРАКАТИ ОНҲО ҲАМРОҲАШОН НОБУД МЕШАВАД.


ДИМИШҚ ЯКЕ АЗ МАРКАЗҲОИ ТИҶОРАТ ВА РОҲҲОИ КОРВОНГУЗАР ДАР ИМПЕРИЯИ РУМ БУД!
ШОУЛ МЕДОНИСТ, КИ АГАР ИНРО ДАР ОН ҶО БОЗНАДОРАД, «ТАЪЛИМОТ» МЕТАВОНАД БА БАЙНАННАҲРАЙН РАСАД...
...Ё ҲАТТО БА РУМ!


ҲЕҶ КАС, АЛАЛХУСУС ШОУЛ, ОН ЧИРО, КИ БАЪД РӮЙ ДОД, ИНТИЗОР НАБУД.
Ё ОН ЧИРО, КИ ТАҚДИРИ МИНБАЪДАИ ҶАҲОНРО ДИГАР МЕКУНАД.
ЧӢ?!
УФ!
ШОУЛ!


ШОУЛ!
БАРОИ ЧӢ МАРО ТАЪҚИБ МЕКУНӢ?


ҲАМСАФАРОНИ ШОУЛ ХОМӮШ МЕИСТОДАНД.
ЗЕРО НУРРО ДИДАНД ВА САДОРО ШУНИДАНД, ЛЕКИН ҲЕҶ КАСРО НАДИДАНД.
КӢ...
ХУДОВАНДО, ТУ КИСТӢ?



АМАЛҲО 9:4-5




АМАЛҲО 9:1-8; 22:6-9; 26:9-18


РОҲАМОНРО ДАВОМ МЕДИҲЕМ.
БА ШАҲР МЕРАВЕМ!
ШОУЛРО БА ХОНАИ ЯҲУДО НОМ ШАХС ОВАРДАНД. ДАР ОН ҶО БА Ӯ ҒАМХОРӢ НАМУДАНД.
Ӯ СЕ РӮЗ ЧИЗЕ НАХӮРД ВА НАНӮШИД, ВА ТАНҲО ДАР ХУСУСИ ОН ЧИ БО Ӯ ЧӢ РӮЙ ДОД, ФИКР МЕКАРД
Ӯ ҲЕҶ ЧИЗРО НАМЕДИД...
...ҒАЙР АЗ ОН ШАХС АЗ РӮЪЁ.
ПАЙРАВИ ИСО АЗ ДИМИШҚ.
ШАХСЕ КИ НОМАШ...


ҲАНОНИЁ БУД!
ХУДОВАНД?
ЛАББАЙ, ХУДОВАНДО!
БАРХЕЗ ВА БА КӮЧАЕ КИ РОСТ НОМ ДОРАД, РАВ.
ШОУЛ НОМ ТАРСУСИРО ДАР ХОНАИ ЯҲУДО ЁБ.
ШОУЛ?
ОЁ ИН ҲАМОН ШОУЛ НЕСТ, КИ ДАР УРШАЛИМ БА МУҚАДДАСОНИ ТУ ХЕЛЕ БАДИҲО КАРДААСТ?!
ОНҲО ГУФТАНД, КИ Ӯ БА ДИМИШҚ ОМАДА ҲАМОН КОРҲОРО ДАР ИН ҶО НИЗ МЕКУНАД!
МАН КОРҲОИ ӮРО МЕДОНАМ.
МАН ӮРО ИНТИХОБ КАРДААМ, ТО НОМИ МАРО НАЗДИ ХАЛҚҲО ВА ПОДШОҲОН ВА БАНӢ-ИСРОИЛ БАРАД!
ҲАМОН РӮЗ ҲАНОНИЁ ОН ЧИРО, КИ ШОУЛ АЗ САР ГУЗАРОНД ВА МАН ОНРО ТО ҲОЛ МЕОМӮЗАМ, ФАҲМИД...
ТУ МЕТАВОНӢ КӮШИШ КУНӢ, КИ БА ХУДО МУҚОБИЛАТ НАМОЙ, АММО ҒОЛИБ ШУДА НАМЕТАВОНӢ.


ШОУЛ БО ҲАЯҶОНУ ИЗТИРОБ ЗАБУРРО ТАКРОР МЕКАРД ВА АЗ ХУДОВАНД МАРҲАМАТ МЕХОСТ.
ҲАНОНИЁ?
Ӯ, ЧУН ЮНУС, БО ТОРИКӢ ФАРО ГИРИФТА ШУДА БУД, АММО ТАВБА КАРДА, НУРИ ХУДОРО ЭҲСОС КАРДАН ГИРИФТ.
ҲА. ХУДОВАНД МАРО ФИРИСТОД, ТО НАЗДИ ТУ ОЯМ, ЧУНОН КИ Ӯ БА ТУ ВАЪДА ДОДА БУД...
... ТО БА ТУ ЁРӢ ДИҲАД, КИ БОЗ БИНО ГАРДӢ ВА АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ШАВӢ.
ШОУЛ ХӮРОК ХӮРД ВА ҚУВВАТ ГИРИФТ.
...Ӯ БО МАН ГАП ЗАД, ҲАНОНИЁ!
ҲАНОНИЁ, ИСО ҲАҚИҚАТАН ҲАМОНЕСТ, КИ ПАЙҒАМБАРОН ДАР ХУСУСИ Ӯ ПЕШГӮӢ КАРДА БУДАНД... МАСЕҲ!
ҲАНГОМЕ ХУДОВАНД БА МАН ФАРМУД, КИ БИЁЯМ, МАН АЗ ТУ ТАРСИДАМ.
ШОУЛИ ТАРСУСӢ, БА ИН БОВАР КАРДАН ДУШВОР АСТ, АММО АКНУН МО БАРОДАРОН ҲАСТЕМ!


ШОУЛ АЗ ОН ФАХР МЕКАРД, КИ НОМИ АВВАЛИН ПОДШОҲИ ИСРОИЛРО ДОШТ.
АММО АКНУН Ӯ ХУДРО ПАВЛУС МЕНОМИД, КИ МАЪНОЯШ «ХУРДАКАК» Ё «ФУРӮТАН» АСТ.
ХУДОВАНДИ МО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД, КИ ДУШМАНОНАМОНРО БАХШЕМ, АММО НАХОД Ӯ ВОҚЕАН ИНТИЗОРИ ОН АСТ, КИ БА ИН ШАХС БОВАРӢ КУНЕМ?
...ҲАМЧУНИН ЯҲУДИЁНЕ КИ ДАР БОРАИ ИСО МАВЪИЗА КАРДАНИ ӮРО ШУНИДАНД, ХАШМГИН ШУДАНД. ПАВЛУСРО ҲЕҶ КАС ҚАБУЛ НАМЕКАРД!
МАГАР ИН Ӯ НЕСТ, КИ ДАР УРШАЛИМ КАСОНЕРО, КИ БА ИСО ИМОН МЕОВАРДАНД, БА ЗИНДОН МЕПАРТОФТ?
ОХИР, Ӯ БАРОИ БОЗДОШТАНИ ПАҲНШАВИИ ИН ТАЪЛИМОТ ОМАДААСТ!
ВА АКНУН ХУДАШ ОНРО ПАҲН МЕКУНАД?!
ДАҲОНИ ӮРО БАСТАН ДАРКОР АСТ!
ҲАНГОМЕ ПАВЛУС ФАҲМИД, КИ ӮРО КУШТАНӢ ҲАСТАНД, ДӮСТОНАШ ӮРО ДАР САБАД АЗ ДЕВОРИ ШАҲР ФУРОВАРДАНД.
КУҶОСТ ПЕТРУС БО ДАСТОНИ БОҚУВВАТИ МОҲИГИРОНААШ, ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО БА МО ИН ҚАДАР ДАРКОРАНД?






ҒАЛОТИЁН 1:11-12, 15-18; АМАЛҲО 9:26; МАТТО 26:74


ШОУЛ – ПЕТРУС ВА ДИГАРОН КОРИ МАСЕҲРО ДАР ҲАЁТИ ТУ ЭЪТИРОФ НАМУДАНД – ТУ МЕТАВОНӢ ОЗОДОНА ДАР ИН ҶО ДАР УРШАЛИМ ДАР БОРАИ ИСО МАВЪИЗА КУНӢ.
ПАС МАН ПЕШ АЗ ҲАМА БА ЯҲУДИЁНИ ЮНОНИЗАБОН МУРОҶИАТ МЕКУНАМ, КИ ОНҲОРО МЕДОНАМ ВА МЕФАҲМАМ.
АГАР МУШАКҲОИ ГАРДАНИ ОНҲО БА ЛАРЗА ДАРОЯНД, МО МУШКИЛӢ ХОҲЕМ ДОШТ.
МАН ШУНИДАМ, КИ ОНҲО ӮРО КУШТАНӢ ҲАСТАНД.
**ӮРО ХУДО ҲИСОБИДАНИ ТУ КУФР АСТ.**
**БАРОИ КУФР ТАНҲО ЯК ҶАЗО ҲАСТ!**
ШОУЛ, БА ТУ ГАП ДОРАМ.
ОНҲО НОБИНО... ҶОҲИЛ ҲАСТАНД.
РОҲБАРОН ЧУНИН МЕҲИСОБАНД, КИ ТУ БОЯД УРШАЛИМРО ТАРК КУНӢ.
АВВАЛИН ТИРИ БА СӮИ МАН МЕПАРИДАРО ДИДА, НАМЕГУРЕЗАМ.
БА ДАЛЕРИИ ТУ КАСЕ ШУБҲА НАДОРАД – АММО МО ФИКР МЕКУНЕМ, КИ ХУДОВАНД БАРОИ ТУ ДИГАР НАҚШАҲО ДОРАД...
«БАРОИ МУДДАТЕ БА ШАҲРИ ЗОДГОҲАТ ТАРСУС РАВ... БИГУЗОР ИН ТАФБОД ОРОМ ШАВАД».
«СИПАС... БАРОИ МАҚСАДҲОИ БУЗУРГИ ХУДОВАНД БАРГАРД».


«АЗБАСКИ АКНУН ШОУЛ, БА ҶОИ ТАЪҚИБИ МАСЕҲИЁН, МАСЕҲРО МАВЪИЗА МЕКАРД, ҶАМОАТ ЗАМОНИ ОСУДАГИРО АЗ САР МЕГУЗАРОНД».
«РАСУЛ ПЕТРУС, КИ БА МАҲАЛҲО РАФТА, БО ИМОНДОРОН БОЗДИД МЕНАМУД, НАЗДИ ИМОНДОРОНИ ЛУДДА НИЗ ОМАД...»
ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ ТУРО ШИФО ДОД. БАРХЕЗ – БИСТАРАТРО ҶАМЪ КУН ВА РАВОНА ШАВ.
«НАТИҶАҲО ҲАЙРАТОВАР БУДАНД... МИҚДОРИ ЗИЁДИ СОКИНОНИ ИН ШАҲР ВА ШАҲРИ ШОРӮН БА МАСЕҲ ИМОН ОВАРДАНД».
ИН ШАХС ҲАШТ СОЛ ИНҶОНИБ ШАЛ БУД. ТАНҲО ХУДОВАНД ЧУНИН КОРЕ КАРДА МЕТАВОНИСТ.
БА МО ДАР БОРАИ ИСО БЕШТАР НАҚЛ НАМО.
ИЛТИМОС, БО МО БИЁ. ДАР ЁФО ВОҚЕАЕ РӮЙ ДОДААСТ, КИ ДИҚҚАТИ ТУРО МЕТАЛАБАД.
ВОҚЕА?
ВОҚЕАИ НОХУШ.




АМАЛҲО 9:39-43


ДАР ҚАЙСАРИЯ КОРНИЛЮС НОМ МИРИСАДИ РУМӢ ЗИНДАГӢ МЕКАРД. Ӯ БА АҲЛИ ОИЛААШ ТАҚВОДОР ВА ХУДОТАРС БУДАНД.
РӮЗЕ, ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ДУО МЕГУФТ...
КОРНИЛЮС!
ХОҶААМ, ЧӢ МЕФАРМОӢ?
ДУОҲО ВА САДАҚАҲОИ ТУ НАЗДИ ХУДО БАРОМАДААНД, ВА Ӯ ОНҲОРО БА ЁД ОВАРДААСТ.
АКНУН КАС ФИРИСТОДА, ПЕТРУС НОМ ШАХСРО, КИ ДАР ЁФО – ДАР СОҲИЛИ БАҲР МЕҲМОН АСТ, ДАЪВАТ НАМО.
ФАРИШТАИ ХУДОВАНД ФАРМУД, КИ МО БОЯД БО ИН ШАХС, БО ПЕТРУС ВОХӮРЕМ. ӮРО БО ФУРӮТАНӢ ДАЪВАТ НАМОЕД, КИ ИН ҶО БИЁЯД.
МАН ҲАМА ЧИЗРО БАРОИ ОМАДАНИ Ӯ ТАЙЁР МЕКУНАМ.




АМАЛҲО 10:9-23






АМАЛҲО 10:23-33


АКНУН ДОНИСТАМ, КИ ХУДО РӮЙБИНӢ НАДОРАД, БАЛКИ АЗ ҲАР ХАЛҚ ҲАР КӢ АЗ Ӯ ТАРСАД ВА АЗ РӮИ РОСТӢ РАФТОР КУНАД, ПИСАНДИДАИ ӮСТ.
ШУМО ХАБАРЕРО, КИ КИ ХУДОВАНД БА ХАЛҚИ ИСРОИЛ ФИРИСТОДААСТ – ИНҶИЛРО ДАР БОРАИ ИСО, КИ ХУДОВАНДИ ҲАМА АСТ, ШУНИДАЕД.
ХУДО ИСОИ НОСИРИРО БО РӮҲУЛҚУДС ВА ҚУВВАТИ ХУД МАСҲ КАРД.
ВА Ӯ БА ҲАМА ҶО РАФТА, КОРҲОИ НЕК МЕКАРД ВА БА ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ ДАР БАНДИ ИБЛИС БУДАНД, ШИФО МЕБАХШИД.
ХУДО ӮРО ДОВАРИ ЗИНДАГОН ВА МУРДАГОН ТАЪЙИН КАРДААСТ.
ҲАР КӢ БА Ӯ ИМОН ОВАРАД, БА ВОСИТАИ НОМИ Ӯ ГУНОҲҲОЯШ БАХШИДА МЕШАВАНД.
ΞΕΣΥΣ ΧΡΙΣΤ ΙΣ ΛΟΡΔ.
只有上帝可以節省。
НИГАР! ҲАТТО ҒАЙРИЯҲУДИЁН БА ЗАБОНҲО ГАП МЕЗАНАНД ВА ХУДОРО СИТОИШ МЕКУНАНД!
ОЁ КАСЕ МЕТАВОНАД БА ОНҲОЕ КИ РӮҲУЛҚУДСРО МОНАНДИ МО ЁФТААНД, ТАЪМИД ГИРИФТАНРО МАНЪ КУНАД?


АММО ИН ВОҚЕА БОИСИ МУНОЗИРАҲОИ ШАДИД ДАР ИМОНИ НАВ ГАРДИД – КИ ОЁ ҒАЙРИЯҲУДИЁН БОЯД ХАТНА КАРДА ШАВАНД Ё НЕ.
ТУ НАТАНҲО БА ХОНАИ БЕХАТНАҲО ДАРОМАДӢ – ТУ ҲАТТО БО ОНҲО ХӮРОК ХӮРДӢ!
МАҲЗ АЗ ҲАМИН САБАБ МАН БА УРШАЛИМ ОМАДАМ – ТО АМАЛҲОИ ХУДРО ФАҲМОНАМ.
ХУДОВАНД ДАР РӮЪЁ ФАҲМОНД, КИ ОН ЧИ Ӯ ПОК КАРДААСТ, МАН НАБОЯД НОПОК ҲИСОБАМ.
СИПАС ХУДОВАНД ҲАТТО БА ҒАЙРИЯҲУДИЁН ТАВБАИ ҲАЁТБАХШРО ДОДААСТ.




АМАЛҲО 11:19-30






АМАЛҲО 12:1-10


АКНУН ДОНИСТАМ, КИ ХУДОВАНД ФАРИШТАИ ХУДРО ФИРИСТОДА, МАРО АЗ ДАСТИ ҲИРОДУС ВА АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ ҚАВМИ ЯҲУДӢ КАРДАНӢ БУДАНД, РАҲО КАРД».
ТАҚ-ТАҚ. ТАҚ-ТАҚ.
ТАҚ-ТАҚ. ТАҚ-ТАҚ.
ИН МАНАМ – ПЕТРУС! ДАРВОЗАРО КУШО!
ИН ПЕТРУС АСТ! Ӯ НАЗДИ ДАРВОЗА ИСТОДААСТ!
ЭЙ ДУХТАР, ТУ ДЕВОНА ШУДАӢ.
**НЕ!** ИН РОСТ АСТ. МАН ОВОЗИ ӮРО ШУНИДАМ!
ПАС, ЭҲТИМОЛ, ИН ФАРИШТАИ ӮСТ.






АМАЛҲО 12:16-19

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








# SUPERBIBLE.TV